# ТАКРИЗ

**ба автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», барои дарёфти дарачаи илмии номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ**

Аз чеҳраҳои намоёни адабиёти солҳои 60-70 садаи 20 аст, ки бо фаъолияти гуногунсоҳа, аз ҷумла фаъолияти рӯзноманигорӣ, тарҷумонӣ ва адабии худ маъруфият ба даст оварда, соҳибмақом гаштааст, Ғоиб Сафарзода мебошад.

Автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна ба таҳқиқи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода» бахшида шудааст. Бояд иқрор шуд, ки то кунун ба омӯзиши ин масъала ягон таҳқиқоти монографӣ сурат нагирифтааст ва дар ин самт иқдоми пешгирифтаи диссертант аз як тараф ба мубрамияти пажуҳиш далолат кунад, аз тарафи дигар, он бо мазмуну мундариҷа ва маводи муҳаққақаш саҳифаи наверо дар адабиётшиносии тоҷик боз хоҳад кард.

Аз рӯйи муҳтавои автореферат маълум мегардад, ки диссертант мавзуъро ба се боб ва фаслҳо тақсим намуда, онҳоро пай дар пай ва бо низоми муайян ба риштаи таҳқиқ кашидааст. Вай масъалаҳои назариявӣ ва амалии шеърро омӯхта, дар заминаи он осори лирикӣ, публитсистӣ ва адабии Ғоиб Сафарзодаро ҳаматарафа баррасӣ кардааст.

Ба андешаи диссертант, Ғоиб Сафарзода шоири боистеъдод, рангинхаёл ва ҳунарманд аст. Дар осори манзуму мансури ӯ мавзуъҳои муҳимми ҳаёти инсонӣ, аз ҷумла, тараннуми ишқу зебоӣ, худшиносӣ, ахлоқи писандида, васфи модар, эҳтироми забон ва анъанаву суннатҳои миллӣ ва монанди инҳо пайгирӣ шудааст. Мавсуф ин нукотро бо мисолҳои ҷолиб шарҳу асоснок намудааст.

Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна зимни тадқиқи мавзуъ мақолаву тақризу гузоришҳои донишмандону адибон: Б. Насриддинов С. Табаров, М. Шукуров, Ю. Акбарзода, М. Миршакар, Шоҳҳайдар Ёдгорӣ ва дигаронро

мавриди омӯзиш ва пажуњиш карор дода, аз онҳо мувофиқи матлаб ва дуруст истифода кардааст.

Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна ҳамаи ҳадафу мақсадҳои дар тадқиқи мавзуъ, ки назди худ гузоштааст, ҳал намуда, дар ин замина хулосаҳои ҷолиб низ баён доштааст. Хулосаи таҳқиқро диссертант дар бандҳои мушаххас ҷамъбаст намудааст, ки вобаста ба бобу фаслњои дахлдори диссертатсия 13 бандро фаро гирифтааст.

Автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна бо забони фаҳмои илмӣ нигошта шуда, андешаронӣ, сабки нигориш, таҳлилҳо ва натиҷагириҳояш аз таҳқиқи мавзуъ назаррасанд.

Аз баррасии автореферати диссертатсия бармеояд, ки он кори анҷомёфтаи илмист ва бартариҳои зиёд дошта, қадами ҷиддие дар нишон додани љойгоњи Ғоиб Сафарзода ба ҳисоб меравад. Сохтор, мундариҷа ва мақолаҳои нашркардаи диссертант муҳтавои умумии таҳқиқотро фаро гирифтааст.

Дар баробари муваффақиятҳо дар матни автореферати диссертатсия баъзе камбудиҳо низ ба назар расиданд, ки зикри онҳо барои фаъолияти ояндаи диссертант муфид хоҳад буд:

1. Ноҷо ба кор бурдани вожаи “наздикӣ” дар матн (саҳ.19)

2. Дар намунаи дар вазни ҳазаҷи мусаммани солим овардашуда, дар мисраи “Ба руи рӯди кӯҳӣ гӯё гирдоб меояд”, рукни сеюм вазн ғалат дорад (саҳ.16)

3. Ғалатҳои имлоӣ низ дар баъзе саҳифаҳо дида мешавад (саҳ.3, 12, 13, 23)

Камбудиҳои баёншуда ниҳоят ҷузъӣ буда, ба арзиши диссертатсия таъсири манфӣ намерасонад ва ҳамаи онҳо ислоҳпазиранд.

Хулоса, автореферати диссертатсияи Мирзоева Маҳтовбӣ Мустафоевна дар мавзуи «Рӯзгор ва осори Ғоиб Сафарзода», кори илмӣ-таҳқиқотии анҷомёфта мебошад ва он ба талаботи КОА-и назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯст ва диссертант сазовори дарёфти дараҷаи илмии

номзади илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.01.04 – Таърихи адабиёт, равобити адабӣ аст.

Доктори илмҳои филологӣ,
профессори кафедраи забони тоҷикии
Донишгоҳи Славянии Россия ва Тоҷикистон    Холов Х.Р.

Нишонӣ: 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон,
шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30
Тел: 907-72-39-01
E-mail: hol 56@list.ru

Имзои Х.Р.Холовро тасдиқ мекунам:

Сардори раёсати кадрҳои Донишгоҳи
Славянии Россия ва Тоҷикистон    Раҳимов А.А.

Нишонӣ: 734035, Ҷумҳурии Тоҷикистон
шаҳри Душанбе, кӯчаи М.Турсунзода, 30
Тел: +992(37) 227-92-93
E-mail: http://www/rtsu/ti
p/rektora@mail/ru

14. 02. 2024.